# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад
ЧОРШАНБЕ, 13 ноябри соли 2019
№43 (8349)

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён




# МИЛИТСИЯИ ТОҶИК 101 СОЛА ШУД

**Санаи 10-уми ноябр ҳамчун Рӯзи милитсияи тоҷик қайд карда мешавад. Ба муносибати 101-умин солгарди таъсисёбии мақомоти корҳои дохила ва Рӯзи милитсия дар Кохи Фарҳанги ноҳия ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**

Дар ҷамъомади идонаи кормандони милитсия Раиси ноҳия Зафар Файзуллозода, Сардори ШВКД полковники милитсия Зафар Сайфуллозода ва ҳайати шахсии кормандони ин мақомот ва дигар меҳмонони фахрӣ иштирок намуданд. Кормандони милитсияро бо ин санаи фархунда нахуст Раиси ноҳия таҳният гуфт. Аз ҷумла таъкид гардид, ки мақомоти милитсия яке аз сохторҳои бузургу бонуфузи ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб рафта, аз нахустин лаҳзаҳои ташкилёбӣ то имрӯз ҳамчун нерӯи муҳофизи тартиботи ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон саҳмгузор мебошад. Мақомоти мазкур дар лаҳзаҳои сангини таърихи кишвар аз имтиҳоноти ҷиддӣ гузашта, барои таъмини амну суботи ҷомеа талош варзидааст.

Аз ҷумла, дар давраи мубориза бар зидди босмачигарӣ, солҳои вазнини ҶБВ ва баъдан барои ҳимояи оромию осудагии шаҳрвандон садҳо кормандони шуҷоъу далери мақомоти корҳои дохила ҷонбозиҳо кардаанд. Бахусус, даврони Истиқлолияти давлатии кишвар барои милитсияи тоҷик марҳилаи нави фаъолиятро боз намуд ва рисолати бузургро дар иҷрои вазифа бар души онҳо гузошт. Ҳаводиси охири дар кишвар рухдода, ки аз ҷониби чанде аз нотавонбинони хиёнаткори Ватан хатари табаддулоти давлатиро ба миён овард, собит намуд, ки сохторҳои қудратии мамлакат имруз ба неруи пуриқтидори муҳофизи якпорчагии Ватан табдил ёфтаанд.

Зафар Файзуллозода афзуд, ки дар замони муосир баробари ба вуҷуд омадани таҳаввулоти сиёсӣ дар ҷаҳон ва минтақа дар назди кормандони милитсия вазифаҳои наву ҷиддӣ меистанд ва рисолати касбии хешро дар назди халқу Ватан бояд минбаъд низ софдилона ичро намоянд.

Таъкид шуд, ки имруз бо дастгирию пуштибонии Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон мақомоти корҳои дохила ба сохтори тавонои ҳифзи тартибот табдил ёфтааст ва барои кормандони он тамоми шароити зиндагӣ ва хизматӣ аз қабили таъминот бо манзили истиқоматӣ, замини наздиҳавлигӣ, таҷҳизоти муосир, хизматрасонии тиббӣ ва таълиму фароғат муҳайё карда шудаанд. То имруз садҳо нафар кормандони фаъоли милитсия бо мукофотҳои давлатӣ ва дигар ҳавасмандиҳои хизматӣ сарфароз гардидаанд.

Ба муносибати Рӯзи милитсия аз номи роҳбарияти ноҳия ба мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳаҷми 4000 ҳазор сомонӣ маблағи пулӣ,ки аз он ба оилаҳои 5 нафар корманди милитсияи дар вақти адои вазифа фавтида 100 сомонӣ, ба 70 нафар собиқадорони соҳа, инчунин ба 20 нафар иштирокчиёни барқарорсозии сохти конститутсиони 50сомонӣ кӯмаки яквақтаина тақдим карда шуд.

Чанд нафар милитсионерони фаъоли ноҳия, ки дар таъмини волоияти қонун, тартиботи ҷамъиятӣ ва дигар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ иштироки фаъолона доштанд, ба монанди майори милитсия Қодирзода Далер, майори милитсия Зоирзода Зикрулло ва бо ҳамин мазмун капитани милитсия Неъматзода Умед, нозири минтақавӣ майори милитсия Қурбонзода Ҳомид, нозири БДА старшинаи милитсия Саидзода Авлиё бо Сипосномаи мақомоти иҷроия сарфароз гардиданд. Хамчунин, кормандони фаъоли милитсия бо туҳфаҳои хотиравии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Комиссари комисариати ҳарбии ноҳия подполковник Каримзода Ниёзбоқӣ тақдим гардида, қадрдонӣ шуданд.

Дар ҷамъомади тантанавӣ ҳамчунин Сардори ШВКД-и ноҳия полковники милитсия Сайфуллозода Зафар сухан карда, кормандони милитсияи тоҷикро бо солгарди навбатии таъсисёбии мақомоти корҳои дохила муборакбод намуд.

Дар хотима барои кормандони мақомоти корҳои дохила аҳли фарҳанги ноҳия дастагули суруду таронаро пешкаш намуданд ва иштирокчиёни ҷамъомадро эҳсоси идона бахшиданд.



***Сайфуллозода А.***
***«Тахти Қубод»***

# НАҚШАИ ДАЪВАТИ ҶАВОНОН БА САФИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛАҲ 70 ДАРСАД ШУД

Имрӯзҳо дар деҳоти қаламрави Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия даъвати тирамоҳии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муташаккилона идома дорад.

Тавре раиси комиссияи даъват Алӣ Тоҷиев ба мо иттилоъ доданд, айни замон дар ноҳия нақшаи даъват ба таърихи 11 ноябр 70 дарсад иҷро гардид.

Чуноне гуфта мешавад бо таъмини нишондиҳандаҳои назаррас дар сархат Ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов 100 фоиз, дар зинаи дуюм ба ин сана Навобод 83, Заркамар ва Шаҳрак 75 фоизӣ қарор доранд, ки далели масъулиятшиносии раисони Ҷамоатҳои болозикр ва фаъолони деҳотҳои қаламрави ҷамоатҳост.

Аммо сокинони як қатор деҳот ҷойҳои ҳудуди ҷамоатҳои Тахти Сангин, 20 солагии Истиқлолият, Н.Хусрав ва У.Назаров аз қабили деҳоти Гулистон, Ваҳдат, Навобод, Ҳаёт, Б.Ғаффуров, Сангоба, Равшанобод, Қиёт, Полвонтуғай, Камароб, Чимғилиш-1 бо нишон додани мавқеи бетарафӣ нақшаи даъвати ҷавононро ба хизмати ҳарбӣ ба таъхир гузошта истодаанд.

Ҷамоатҳои У.Назаров 62 (9 нафар), Н.Хусрав 54 (13-нафар), 20 солагии Истиқлолият 65 (11 нафар) ва Т. Сангин 61 (16 нафар)-ро таъмин карда натавонистанд.

Дар ин зимн атрофии сару садоҳои гирифтани 300 сомонӣ пора аз як сокини деҳаи Арабхона ба дасти масъули мизи ҳарбии ҷамоати деҳоти Н.Хусрав Исоқов Хуҷамқул ва аз ҳар сокини деҳаи Чкалов рӯёндани маблағи 200 сомонӣ аз тарафи ронандаи «Опел»-и рангаш сабзи мутааллиқ ба раиси маҳалларо, ки гумон меравад масъули мизи ҳарбии ҷамоати Т.Сангин ҳамроҳаш будааст, раиси комиссия А.Тоҷиев ахбори беасос арзёбӣ намуданд.

Лек мо бар он назареем, ки гарчанде ҳайати шахсии комиссариати ҳарбӣ дар ноҳия ва мизҳои ҳарбӣ дар Ҷамоатҳо иваз шудаанд ин он маъноро надорад, ки ҳама поквиҷдонанду содиқ ба қасами ҳарбӣ ва бо дасту дилу нияти пок пайи иҷрои вазифаанд. Агар чунин нест, пас чаро мо аз ҳама оқибмондаем?!

Даъвати баҳорӣ дар миқёси вилоят нақшаро аз ҳама охир ҷамъбаст намуданамон, магар далели гуфтаҳои боло нест?! Дар омади гап: Дар даъвати гузашта як нафар ҷавон аз сокинони деҳаи Қушачинори ҷамоати деҳоти 20 солагии Истиқлол дар қатори дигар ихтиёриён ба хизмат фиристода шуд. Аз адои хизмат намудани ӯ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд 15 рӯз мегузашт, аммо ин ҷо бародараш, ки ба доми фиреби корманди шуъбаи дуюми комиссариат афтода буд ва бо пешниҳоди 4000 ҳазор сомонӣ умед дошт додаращро «негоднқй» баровarда аз хизмат озод мекунад,маблағи бо ду дасти адаб додаашро рӯёнда наметавонист.Ҳамарӯза фоизи банк меафуд ӯ бошад ба умеди имрӯзу фардогӯиҳои «корбудкун» дар кӯи сарсонӣ мегашт.

Дар даъвати кунунӣ бошад Шарипов Маҳмад раиси маҳаллаи «Полвонтуғай»,ки то оғози мавсим 3 нафар ҷавони сини даъватиро баъди аз муоинаи тиббӣ гузарондан ба комиссариат ҳозир намуда ба рӯйхат гирифта буд, ҳамагӣ 1 нафарашро,ки бо баҳонаи бемор будан(вақти аз муоинаи тиббӣ гузаштан ҳеҷ бало надошт) ба муҳлати 6 моҳ «астрочка» дода буданаш тавонист роҳии хизмат кунад. Аз дуи дигар имрӯз якеашро тибқи Маркази тестӣ ба донишгоҳе дохил шудааст мегуянду (инро вақт муайян мекунад) сеюмиро аз рӯи шунидаҳо шиносномашшро бар ивази 500 сомонӣ ба дасташ дода мегурезонанд. Хонандаи арҷманд! Бо ин гуфтани ҳастам,ки дар ҳақиқат тағйироти кадрӣ дар иваз намудани мизҳои ҳарбӣ, ва ҳайати кормандони комиссариат сурат гирифт,вале хулқу хислати ба ирсият дар хуни бархеи онҳо ҷой дошта иваз-ку нагардидааст! Ёдовар мешавам,ки тибқи таҳлилҳо дар замони раисии С.Бекназаров дар ду рӯз ва давраи сари кор будани С.Абдураҳмонзода дар 15 рӯз нақша таъмин гардида буд. Аммо имрӯз ҳайати кормандони комиссариат ва мизҳои ҳарбӣ дар ҷамоатҳо то кай ба умеди домуллову директорони мактабҳо ва раисони маҳалла менишаста бошанд?! Ту ба ин чӣ назар дорӣ хонандаи ман!

***Адолатҷӯ***

# АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИСЁБИИ МИЛИТСИЯИ ТОҶИК

**10-уми ноябр ҳамасола чун Рӯзи милитсияи тоҷик таҷлил карда мешавад. Таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳама давру замон яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти милитсия ба шумор мерафт.**

**Пешрафти ҳаёти давлат ва ҷомеа аз суботу амният ва таъмини оромиву тартиботи ҷамъиятӣ вобастагии мустақим дорад. Иҷрои ин вазифаи муҳим ба зиммаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, алалхусус мақомоти корҳои дохилӣ вогузор гардидааст.**



**Огаҳ будан аз таърихи милитсияи тоҷик, корнамоии мардони шуҷоъ** ва фаъолияти шабонарӯзиву дастовардҳои тӯли солҳо ба даст овардаи онҳо барои ҳар шахси ватандӯсту хешташиносу басо муҳиму ибратбахш аст, зеро гузаштаи худро надониста, наметавон дар мавриди имрӯзи хеш сухан бигӯем ва қарор қабул намоем.



**Осорхонаи Вазорати корҳои дохилӣ** дар баробари дигар осорхонаҳои соҳавии кишвар таърихи бою рангин дошта, ташаккули таърихи милитсияи тоҷик ва дастовардҳои арзишманди мақомотро ҳифзу нигаҳдорӣ менамояд. Осорхона чун бозгӯкунандаи таърихи милитсияи тоҷик 6-уми феврали соли 2005 таъсис дода шуда, дар он таҷҳизот, силоҳу воситаҳои муҳофизатӣ, либос, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва дигар осори қадимӣ, ки дар замонҳои гуногун ҳомиёни назму тартибот истифода мебуранд, ба намоиш гузошта шудаанд. Дар осорхонаи мазкур ҳатто баъзе милтиқу лавозимот таърихи зиёда аз 100-сола доранд.



Тибқи маълумоти ин осорхона, **милитсияи тоҷик ҳанӯз 10 ноябри соли 1918 дар ноҳияи Конибодом бо ташаббуси Комил Ёрматов таъсис ёфта**, аввалин Вазири корҳои дохилӣ ва ё ба истилоҳ Вазири НКВД (Комиссари Халқии Корҳои Дохилӣ) **Абдулло Ёрмуҳаммадов** буд. **Аввалин милитсионерзани тоҷик Улуғбибӣ Саидова** соли 1926 ба ҳайати НКВД аз ноҳияи Конибодом дохил шуда, дар мубориза бар зидди унсурҳои ҷиноятии он замон фаъолона ширкат варзидааст.

### Аввалин Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон



**Абдулло Ёрмуҳаммадов аввалин Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон** дониста мешавад. Номбурда ҳамчун шахси кордида, соҳибтаҷриба ва «Комиссари оҳанин» маълум буда, 14-уми декабри соли 1924 ба вазифаи Комиссари халқии корҳои дохилии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъин гаштааст. Давраи роҳбарии Абдулло Ёрмуҳаммадов солҳои 1924 то 1927-ро дар бар мегирад.

### Улуғбибӣ Саидова — аввалин милитсионерзани тоҷик



**Улуғбибӣ Саидова зодаи шаҳри Конибодом** буда, яке аз аввалин милитсионерзани тоҷик ба ҳисоб меравад. Ӯ дар синни 25-солагӣ шавҳарашро, ки дар шӯъбаи милитсия кор мекард, аз даст додааст. Шавҳари ӯро босмачиён ба қатл расонида, ӯ бо 4 фарзандаш танҳо мемонад. Ин зани далеру шуҷоъ пас аз марги шавҳараш қарор кард, ки милитсионер шавад. Сардори шӯъба пас аз сӯҳбат бо ӯ таъкид намуд, ки кори милитсия занона нест ва он хеле хавфнок мебошад. Вале Улуғбибиро аз раъйаш гардонида натавониста, ночор ба кор қабул намуд. Ин ташаббуси зани маҳаллӣ дар он замонҳои мушкил ҳақиқатан қаҳрамонӣ буда аз ҷасорату матонати ӯ дарк медод.

### Фаъолияти дарозтарин ба ҳайси Вазир дар ВКД



**Генерали хизмати дохилӣ Бобо Маҳкамов** ба ҳайси Вазири корҳои дохилии ҶШС Тоҷикистон 18 солу 7 моҳу 22 рӯз (солҳои 1954-1972) фаъолият карда, аз ҳамаи вазирони собиқу баъдӣ дар чунин мақоми баланд зиёдтар адои вазифа намудааст. Дар давраи роҳбарии Бобо Маҳкамов мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон, чӣ аз ҷиҳати базаи моддӣ-техникӣ ва чӣ аз ҷиҳати захираҳои кадрӣ хеле пурқувват гардида, нуфузи мақоми милитсия дар байни аҳолӣ бештар гардид.

Дар осорхона ҳуҷҷатҳое ҷой дода шудаанд, ки таъсиси милитсияи Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Дар яке аз ин ҳуҷҷатҳо зикр гардидааст, ки «дар натиҷаи тақсимоти ҳудудӣ-миллии Осиёи Миёна октябри соли 1924 ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфта, 26 ноябри ҳамон сол дар Тошканд аввалин Ҳукумати Тоҷикистони Шӯравӣ таъсис дода шуд. Дар асоси қарори Комитети инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 7-уми декабри соли 1924 дар Тошканд Комиссариати халқии корҳои дохилӣ ташкил ёфта, 14 декабр Абдулло Ёрмуҳаммадов комиссари халқии корҳои дохилӣ таъйин гардид. Ҳамчунин бо Фармони №1-и КХКД ҶМШС Тоҷикистон Франс Яковлевич Иҷевский сардори милитсияи ҷумҳурӣ таъйин гардид. 5-уми феврали соли 1925, 18 нафар корманди КХКД-и ҷумҳурӣ ба Душанбе омаданд. Ҳайати пурраи кормандони комиссариат 33 нафарро ташкил мекард, ки 12 нафарашон кормандони масъул, 3 нафар мутахассис ва 18 нафари дигар кормандони техникиву хоҷагӣ буданд».

**Набояд фаромӯш сохт, ки танҳо миллати босавод метавона**д насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд. Бо донистани гузаштаи худ метавон ояндаи дурахшони хешро таъмин сохт ва баҳри пешбурди он камари ҳиммат баст.



**Ҳамин тавр, Комил Ёрматов ба ҷузъ аз коргардон, ҳунарманд ва муаллифи сенарияи филмҳо будан, ташаббускори таъсисёбии Милитсияи тоҷик маҳсуб мешавад!**

**Дар фарҷом тамоми кормандон Мақомоти милитсияти тоҷикро бо Иди касбиашон, ки ҳамасола санаи 10-уми ноябр таҷлил карда мешавад, самимона табрик намуда, барояшон дар иҷрои вазифаи масъулиятнок бороро комёбӣ ва сиҳатмандии ҳамешагиву сарбаландӣ таманно менамоем!**

*«Тахти Қубод»*

# Суханронии полковники милитсия Зафар Сайфуллозода дар рӯзи Милитсияи тоҷик

Солҳои 90-уми асри гузашта барои кормандони милитсия ҳамчун марҳилаи ҳассосу нозук ва сарнавиштсоз оғоз гардид, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба тозагӣ истиқлолияти воқеиро соҳиб гардида буд, ба муқовимати қувваҳои сиёсии дохилӣ ва берунӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар он солҳо кормандони милитсия дар сафи пеши мубориза қарор гирифта, барои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии амалу кирдорҳои ғайриқонунӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ шабу рӯз талош менамуданд.

Вазорати корҳои дохилӣ бо таъсис додани ҷузъу томҳои мустақили худ, ҳифзи тартиботу бехатарии ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ба вуҷуд овардани фазои мусоидро дар кишвар таъмин намуд. Милитсияи тоҷик дар тӯли таърихи фаъолият, баҳри таъмини ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, безарар гардонидани дастаҳои муташаккили ҷиноӣ ва гурӯҳҳои террористӣ-экстремистӣ, аз набарду муборизаҳои сангин ва имтиҳони сахти рӯзгор сарбаландона гузашта, ба як сохтори пурқудрату боэътимод ва кафили тинҷиву осоиштагии давлату миллат табдил ёфтааст. Афзудани эътимоду боварии мардум ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки шаҳрвандон дар симои кормандони милитсия ҳимоятгарони ҳуқуқу озодӣ, моликият ва суботу оромиро дар ҷомеа дида, ҳамкории худро бештару беҳтар менамоянд.

Замоне, ки ба гузаштаи таърихи милитсияи тоҷик назар мекунем, пеши назари мо корнамоӣ, қаҳрамонӣ ва ҷоннисориҳои фарзандони содиқ ба миллати бонангу номус ва куҳанбунёду бофарҳанг ҷилвагар мешаванд, ки саршор аз эҳсосу ғурури ватандӯстӣ мебошанд. Зеро онҳо ҳамеша баҳри ҳимояи сарзамини аҷдодӣ, ҳифзи шараф, обрӯи давлату миллат, гиромӣ доштани осору эҷоди гаронбаҳои таърихӣ ва дастовардҳои даврони истиқлолият дар сафи пеши муборизаҳо қарор доштанд.

Бо гузашти солҳо шароити хизматрасонӣ ва савияи донишу малакаи касбии кормандони милитсия афзуда, фаъолияти ин ниҳод густурда ва мавқею мақоми он дар ҷамъият торафт боло меравад. Заҳмату ранҷи шабонарӯзии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар солҳои душвору вазнини ҷанги шаҳрвандӣ наметавон фаромӯш сохт. Аввалин бархӯрд ва зарбаи асосиро кормандони милитсия ба худ қабул намуда, барои барқарор намудани сохти конститутсионӣ, роҳ надодан ба бетартибиҳои оммавӣ ва ҳифзи моликияти давлатию ҷамъиятӣ тамоми тадбирҳоро меандешиданд.

Бо вуҷуди хотима додан ба низоъю ноором̣иҳо дар пойтахти кишвар, гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷинояткор ва ашхоси ҷиноятпеша бо мақсади ноором сохтани вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ оташи ҷангро ба дигар минтақаҳо кашида, бо содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла, куштор, гаравгонгирӣ, роҳзаниву ғоратгарӣ ва ғайра дар вуҷуди шаҳрвандон тухми кинаву адоват коштанӣ мешуданд.

Аммо, ҳисси ватандӯстӣ ва садоқату самимият ба уҳдадориҳои хизматӣ дар замири фарзандони бонангу номуси ин сарзамин, имкон дод, ки ҳадафу ниятҳои нопоки душманон барбод ва пеши роҳи мақсадҳои ғаразнокашон гирифта шавад.

Дар роҳи барқарор намудани сохти конститутсионӣ, пойдории давлати ҷавони Тоҷикистон ва мубориза бо гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиноятпеша кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни қӯшунҳои дохилӣ шуҷоату мардонагӣ нишон дода, ҳангоми иҷрои вазифа зиёда аз 2000 нафари онҳо ҷони худро аз даст доданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба Иди касбии кормандони милитсия дар соли 2014 чунин ёдовар гардида буданд: **«Вазорати корҳои дохилӣ яке аз бузургтарин сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар мебошад, ки ба зиммаи он доираи васеи вазифаҳо, аз таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ сар карда, то риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва мубориза бар зидди сӯхтор вогузор карда шудааст».**

Маҳз натиҷаи сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Сарвари давлат, матонату устуворӣ, шуҷоату мардонагӣ ва дарки баланди масъулиятшиносии кормандони милитсия буд, ки муноқишаҳои дохилӣ барҳам зада шуда, тинҷиву осудагӣ ва амнияти шаҳрвандон барқарор, сокинони мамлакат дар фазои дӯстиву рафоқат ва суботу оромӣ умр ба сар мебаранд. Бо дастгирӣ ва ғамхории бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати корҳои дохилӣ дар зарфи беш аз 28 соли даврони соҳибистиқлолӣ ба яке аз сохторҳои муҳим ва калидӣ табдил ёфта, дорои пойгоҳи мустаҳками кадрӣ, таҷҳизоту воситаҳои муосири техникӣ, бинову иншооти замонавӣ ва кормандони аз лиҳози донишу малакаи касбӣ пешрафта гардид.

Бо дастгирӣ ва ғамхории Роҳбари давлат баҳри беҳдошти шароити хизматии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, тайи панҷ соли охир садҳо нақлиёти хизматӣ, манзилҳои истиқоматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзили зист барои хизматчиёни мақомоти корҳои дохилӣ ҷудо гардид.,.

Инчунин дар ин давра ба хотири боз ҳам наздик намудани ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо аҳолӣ, таъмини иҷрои талаботи «Стратегияи ислоҳоти милитсияи Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» ва «Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2014-2020», ки аз тарафи Пешвои миллат ба имзо расидаанд, ҳамчунин бо мақсади таъмини шаффофият дар фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва инъикоси натиҷаҳои фаъолияти хизматӣ телефони «Боварӣ»-и Вазири корҳои дохилӣ ва сомонаи вазорат таъсис дода шуд.

Расидан ба Истиқлолияти давлатӣ дар таърихи милитсия саҳифаи нав кушод ва шароит фароҳам овард, ки кормандони ин ниҳод бо дарки баланди худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ баҳри ҳимояи ин неъмати гаронбаҳои давлату миллат, вазифаи муқаддасу ҷонӣ — ҳимоя ва ҳифзи Ватани азизамонро сарбаландона ба ҷой оранд. Маҳз бо дастгириву ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин муддат мақомоти корҳои дохилӣ ба як ниҳоди боэътимод, кафили амнияти дохилии кишвар ва фаъолтарин сохтори қудратии давлат мубаддал гардид. Он дар муқовиматҳои шадиди ҷанги шаҳрвандӣ ва муборизаҳои пай дар пай ба муқобили гурӯҳҳои мусаллаҳи ҷиноятпеша, террористон, қочоқчиёни маводи мухаддир ва аслиҳа обутоб ёфта, таҷрибаи баланди касбӣ пайдо кард.

Барои шуҷоату мардонагӣ ва содиқона иҷро намудани уҳдадорию вазифаҳои хизматӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садҳо нафар кормандони милитсия бо ордену медалҳо, мукофоту рутбаҳои баланд сарфароз гардонида шуданд.

Дастгириву ғамхориҳои пайвастаи Сарвари давлат ҷиҳати беҳтар намудани шароити хизматрасонӣ ва дастгирии моддиву маънавии ҳайати шахсӣ ҳар як фарди бонангу номус ва содиқ ба ин Ватанро водор месозад, ки дар иҷрои вазифаҳои хизматии хеш боз ҳам ҷиддитару масъулиятнок рафтору муносибат намояд.

Имрӯз ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба он равона карда шудааст, ки ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шаҳрвандон дар сатҳи баланд таъмин гардида, суботу оромӣ дар кишвар кафили пешравӣ ва рушду инкишофи Ватани азизамон гардад. Бояд зикр намуд, ки робитаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ, суд ва прокуратура рӯз то рӯз қавитар гашта, талошу кӯшишҳои дастаҷамъона, ҳамкории мутақобилан судманд, ҳамдигарфаҳмӣ ва мубодилаи афкор дар самти мубориза бо ҷиноятокорӣ ва таъмини суботу оромӣ дар кишвар натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

Сарвари давлат дар суханронии худ дар ҷашни таъсиси милитсия фаъолияти мақомоти корҳои дохилиро ҳамчун намунаи ибрат барои дигар сохторҳо арзёбӣ намуда, дар муроҷиат ба кормандони милитсия таъкид карда буданд: **«Ман аз ҳар кадоми шумо миннатдорам, ки бо дарки масъулияти баланд, ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву садоқат вазифаву уҳдадориҳои худро дар назди давлат ва халқи худ адо менамоед. Зеро милитсия ҳомии назму тартиботи ҷамъиятӣ, муҳофизатгари боэътимоди халқ ва давлати Тоҷикистон мебошад. Милитсия посдори суботу оромӣ ва кафили осудагиву хотирҷамъии мардум мебошад».**

**Ба маврид аст такид намудан,ки ШВКД дар ноҳияи Қубодиён ҳанӯз соли 1978 ташкил ёфта дар**



**он 26 нафар корманди милитсия кор мекарданд. Роҳбарии милитсияи ноҳияро аз соли 1978 то ин зимн бо рутбаи полковники милитсия инҳо** Маҳаммуродов Нематулло, Акдодов Чароқ, Муродалиев Усмон, Соҳибназаров Хушвақт, Кукузов Шералӣ, Узоқов Азимҷон, майори милитсия Одинаев Раҷаб, Назаров Толибҷон, Назаров Ашур, Ятимов Азиз, Эмомов Раҷабалӣ, Пиронов Умаралӣ, Ҳукуматулло Зикрулло, Давлатзода Шафқат ва аз моҳи апрел то ноябри соли 2019 Раҳимзода Зафар **ба дӯш доштанд.**

**Воқеаҳои даҳшатноки солҳои 1992-1998, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ,бародаркуши оварда расонид як қатор кормандни милитсияи ноҳияи Қубодиён, ба монанди Хоҷаев Сайалӣ, Дҷурматов Рӯзигелдӣ, Маҳмудов Сайбурҳон, Эшматов Абдуғафор ва Бураков Маҳмадулло, ки баҳри барқарор кардани Ҳукумати қонунӣ дар Ҷумҳуриямон ҷони худро нисор кардаанд дақиқаи хомӯшӣ эълон менамоям.**

**Дар ин лаҳзаҳои фаромӯшнашаванда аз собиқ Вазири корҳои дохилӣ зиндаёд генерал- полковники милитсия Ҳомиддин Шарипов,ки барои мустаҳкам ва тоза намудани шахсони тасодуфӣ аз сафи мақомот,баланд бардоштани мақому мартабаи кормандони ин ниҳод хизматҳои шоён кардааст ба маврид аст ба некӣ ёд кунем.**

Боварӣ дорем, ки баҳои баланди Роҳбари давлатамон ҳисси ифтихори ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилиро афзуда, онҳоро баҳри иҷрои вазифаҳои хизматӣ дар назди Ватан ва халқ рӯҳбаланд менамояд.

Аз фурсати муносиб истифода бурда,аввало аз номи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия муҳтарам Раҳимзода Рамазон Ҳамроҳ,сардори Раёсати корҳои дохили дар вилояти Хатлон,роҳбарияти Шӯъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Қубодиён шахсан аз номи худам ҳамаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ,собиқадорон ва шахсони дар ин ҷашнвора иштирок доштаро ба ифтихори ҷашни касбӣ табрик гуфта, дар ҷодаи хизмати бошарафу пурмасъулият ба нафъи давлат, Ватан ва халқи Тоҷикистон ба ҳаряки Шумо саломатӣ, азму иродаи қавӣ ва барори кор орзу менамоям. Саодатманду сарбаланд бошед!

**Идатон муборак рафиқони азиз!**

# АКСҲО АЗ ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МИЛИТСИЯ



















# “ПОҶОМАПУШОН” ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТРО «ПИСАНД» НАМЕКУНАНД

Ба ғайр аз рӯзномаи ноҳиявии «Тахти Қубод» банда дар дигар воситаҳои ахбори оммаи кишвар «Фараҷ», «Овоза ва ҳақиқат», «Ҷомеа», «Пайк», «Озодагон», «Миллат» низ давоми чанд сол мешавад, ки масоили баҳсталаби зиёдеро дар доираи касбият на гаразхои шахсӣ бо умеди рафъи камбудиҳои ҷойдошта инъикос кардаам. Лек мақомоту муассисаҳое, ки бори масъулияти қазияҳо зери номҳои «Парашутистон», «Ҷамоати бесарпаноҳ», «Девона гурез, ки маст омад», «Раиспарак», силсиламатлабҳои «Дар Қубодиён аз танқид қимобанд», «Дороии Марксро тарака карданд», «Вилоят маро бишнос», «Беморхона дар ҳаммом», «Сагҳои дайду», «Соле, ки гузашт», «Ман дар аҷабам», «Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем», «Айбҷӯиҳои Амиршо», «БДА: Қубодиён барои мо Владивосток аст», «Ки «зӯр»: прокурор, суд ё маориф», «Вои сомониҳои барбодрафта», «Маблағҳои бонки ҷаҳонӣ дар гардиши кадом соҳибмансаб аст?», «СЭС»МТМУ-и №50-ро аз «ташхис» гузаронд» ва ғайраҳоро бар дӯш доштанд на ба ҳама мақолаҳои таҳлиливу танқидии интишоргардида вокуниш нишон додаанд, ки ин аз бемасъулиятӣ ва нодида гирифтану нописандии ишон ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009, №622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии ВАО» далолат мекунад. Муҳри хомӯши бар лаб заданд, ё мавқеи бетарафиро ишғол намудану об ба даҳон гирифтан илоҷи кор нест.

Бори нахуст раиси вақт А.Улфатов баъди «корд ба устухонаш» расидан аввалин ҷавобияро зери унвони «Мо аз танқид қимоб нестем» унвонии рӯзномаи «Ҷомеа» фиристода буд. Чанд радияи дигареро ҳам, ки замоне аз тарафи шӯъбаи маориф, раиси Суди ноҳия дар гузашта Холзода Ҷонмаҳмад, сардори ШВКД-и ноҳия Шафқат Давлатзода инчунин аз номи Раёсати маориф ва Амиршои Хатлонӣ, собиқ роҳбари бахши матбуотӣ дар МИҲД-и вилояти Хатлон, ки бе масъулиятона ва пур аз саҳву ғалатҳои имлоӣ навишта шудааст дар бойгонии рӯзномаи «Тахти Қубод» нигоҳ медорем. Дар шумораи қаблии рӯзнома, ки таърихи 27 сентябри соли ҷорӣ таҳти рақами №35-36 ба дасти хонанда расид ду маводи таҳлилӣ-танқидиро зери сархати «Мардони поҷомапӯш ашки ятимонро рехтанд» ва «МТМУ-и №32: Парчам-рамзи давлатиро мазори «шаҳид» карданд» рӯи чоп оварда будем. Ҷои рафъи камбудиҳои дар мақолаҳо дарҷгардида мудири бахши дин, Сабуров Мирзосафар, ки рафторҳояш шадидан интиқод мешуд дар қассосгирӣ ва кинаварзӣ бо мо бо роҳи садди сунъи гузоштан ба рафти обунаи рӯзномаи ноҳиявӣ монеагӣ эҷод намуда, аз тарафи иттиҳодияҳои диннӣ, яъне 80 масҷиди дар тобеъияташ буда, то ин зимн бо гузашти як моҳ аз маъракаи сиёсии обуна аз 600 нусхаи накшабандӣ шуда ҳамагӣ 39 нусха обуна шудаанду халос.Пеш аз ин ҳам Сабуров(ин киштии ғарқнашаванда)- ро касе масъули обунаи “Тахти Қубод”таъин накарда буд. Чун дар рӯёндани маблағи обуна аз имомони масҷидҳо манфиати бештар медид,ҷонҳавл тагу дав мекард. Имрӯз бошад баъди интиқод шуданаш равуои домуллоҳо ба бинои мақомот якбора қатъ гардид,ки аз мо бениҳоят миннатдорӣ мекунанд.

Ба маврид аст қайд намудан,ки аз рӯи гуфти бархе аз имомони масҷидҳо шумораи намозхонон рӯз то рӯз коҳиш ёфта истодааст. Сабаб маблағситониҳои бемаврид.Обуна як баҳона.Боз баҳонаҳои дигаре,ки гуфтанаш ғайри имкон аст. Агар маъракаи обуна сиёсӣ бошад, пас чаро дар радифи ҳамон рӯзномаҳои давлатӣ рӯзномаи “Тахти Қубод”, ки нақшаи обунааш бо имзои раиси ноҳия тасдиқ шудааст сарфи назар мегардад?!

Замоне,ки ҳамон шумораи рӯзнома ба дасти хонанда расид,аз ҷумла дар парлумони кишвар ҳам хонданду Прокуратураи генералӣ ва прокуратураи вилоятӣ низ аз ин қазия огоҳӣ пайдо карданд, даҳҳо нафари дигар ба редаксия ташриф оварда дасти мо мефишурданд ё тавассути занги телефони изҳори сипос мегуфтанд,ки дар ҳақиқат мавзӯи доғи рӯзро пайгирӣ ва баррасӣ кардаем. Чанд нафари дигар аз раҳи раҳму дилсӯзи ба оилаи он зани “қонуншикан”-и панҷ фарзанди ятимдошта расонидани кӯмакҳои хешро пешниҳод мекарданд.Лек на раиси маҳалла Хуҷаназаров Ҷумъа,ки бо рафторҳои ғайриинсониаш чанд сол пеш зиндагиеро аз ҳам пошидааст,на раиси ҷамоат Сафолзода Маҳрам ва на дигар масъулини ноҳия дасти кӯмак дароз намудан он тараф истад,ҳатто сару садояшон низ якбора хомӯш гашт.

Чӣ хеле дар урфият мегӯянд “Ҳалворо ҳаким хӯрад, калтакро ятим”. Ҳақ асту рост, иддао пеш меоранд мардуми огоҳ,ки дар деҳоти дурдаст он тараф истад қонуни танзим ҳатто дар марказ риоя намешавад ва назорати он аз мадди назари масъулин дур мондааст. Ин мавзӯи баҳси дигар аст,ки дар минбаъда пайгирӣ хоҳем кард.

Чун аз огоҳии прокуратураи ҷумҳуриву вилоят гуфтем бори дигар таъкид менамоем,ки бобати амалҳои ғайриқонунии ду нозири милитсия Фаридуну Сироҷ аз шӯъбачаи “Чирик” ки ба манзили қаҳрамони қиссаи мо Бердиева Рӯзигул ба сари девор даромадаанд (ҳол он,ки танҳо ба хонаи тахрибкор ба дари баста медароянд) аз ин ду ниҳод ба унвонии ҷабрдида Рӯзигул ва ҳам прокуратураи ноҳия дар таърихи 10-11 октябр нома расида буд, то нисбати онҳо чора андешида ба муаллиф ҷавоби хаттӣ ирсол гардад. Аммо моҳ охир шуду ҳеҷ не ки яхи хомӯшии мақомоти мо шикаста гардад.Аҷобати кор дар он аст,ки ба матлабе,ки “СЭС”-и ноҳия интиқод мешуд мақомоти прокуратура таваҷҷуҳ намуд, ҷарима ситонд, вале ҳеҷ ҷавобе ба рӯзнома аз ин ниҳод нарасидаст.

Аз тарафи шӯъбаи маорифи ноҳия низ, ки мактабу маорифро ба як вазъи ногувор гирифтор кардаанд, гарчанде вақт мегузарад, аммо вокунише ба унвонии рӯзнома нарасидааст, ки аз нописандиашон ба Фармони Президент далолат мекунад. Як нусха аз ин дархост бо замимаи матлаби болозикр унвонии раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода низ ирсол намудем, то дар чудо намудани «қил аз хамир» ба мо мусоидат намоянд. Зеро бо ин «зурдастон» сарбасар шудани мо сахлу сода набуда дар пай хавфу хатар хам дорад.Чун огах гаштем нисбати ду нафар нозири шуъбачаи Чирик, раиси махаллаи С. Худойкулов ва дар нихоят М. Сабуров макомот чора андешидани нестанд. Пас умедамон ба масъулони вилоятӣ ва сатхи чумхуриявист.

***Адолат Сайфуллозода***

## БА ҚАРОРИ 622 ҶАВОБ ОМАД.

# ВОКУНИШ

Дар ҳақиқат баъди мутолиаи маводи танқидии рӯзноманигор Абдулаҳад Валиев, зери унвони «СЭС» МТМУ-и №50 ро аз «ташхис» гузаронд, ки дар таърихи 24 октябри соли 2019 дар рӯзномаи «Тахти Қубод» чоп шуда буд, мо кормандони МНДСЭ-и ноҳия рӯзи 28.10 соли 2019 ба МТМУ №50 раҳсипор шудем.

Дар натиҷаи сӯҳбат бо омӯзгорон ва таҳлилу баррасии маълумотҳои дар мақола овардашуда муайян шуд, ки дар ҳақиқат камбудиҳо ва эродҳои гирифтаи рӯзноманигор воқеӣ буда, тасдиқи худро ёфтанд.

Ҳоҷатхонаи муассиса ба талабот ҷавобгӯ набуда, барои омӯзгорон ҳоҷатхонаи алоҳида вуҷуд надорад. Масъалаи ҳамом барои омӯзгорони аз дигар минтақа омада низ ташвишовар буда бинои алоҳида вуҷуд надорад. Инчунин дар вақти санҷиш боз як қатор камбудиҳо ошкор шуд, ки бевосита ба фаъолияти бонизомии муассиса халал мерасонанд.

И.в директори муассиса Сафаров.П.П ба мо ваъда доданд, ки дар рӯзҳои наздик ҳамаи камбудиҳоро бартараф мекунад.

Дар масъалаи ду нафар кормандони СЭС, ки ба тафтиши муассиса омадаанд ва боиси вайрон шудани дарсҳои 4 ва 5-ум дар басти 1-ум гаштаанд, чораҳои қатъӣ ва зарурӣ андешида шуд.

***Олимзода.Э. У.***
***Директори МНДСЭ-и ноҳия***

# АЗ БОТУЛИЗМ ЭҲТИЁТ БОШЕД

Ботулизм яке аз намудҳои вазнини заҳролудшавӣ ба ҳисоб рафта аз истеъмоли маводхои хурокаи захролудгашта ба миён меояд.

Бештар аз истеъмоли маводхои хурокаи консервагии дар шароити хона тайёр кардашуда ин бемори сар мезанад.

Баранзезандаи ботулизм асосан дар дар мухити атроф- дар об, дар хок мавҷуд мебошад.

Дар муҳити атроф барангезандаи ботулизм дар ҳолати карахтӣ солҳои дароз бетаъғир боқӣ мемонад.Барангезандаи ботулизм аз хок бо воситаи вазидани шамол бо гарду чанг ба обу меваю забзавот ва дигар намудҳои наботот меафтад. Вақте, ки инсон аз чунин маҳсулотҳои озуқаворӣ меваю сабзавот истифода мебарад ин намуди барангезандагон ба меъдаю руъда ворид шуда, бо наҷосат берун гашта боз ба хок меафтад. Ин воситаи воридшавии барангезандаҳо барои сар задании заҳролудшавӣ хос мебошад.Зеро афзоишу заҳролудкунӣ барои барангезандаи ботулизм дар шароити беҳаво зарур мебошад.

Яке аз шароитҳои мувофиқе, ки онҳо афзоиш меёбанд ва ба заҳролудкунӣ мувофиқ мешаванд, ин маҳсулотҳои консервагӣ аз меваю сабзавот, хилофи қоидаю талаботҳои санитарию технологӣ тайёр кардашуда мебошад. Чунки дар шароити хона ба таври лозимӣ маҳсулотҳои консервагӣ безарар (стерилизаӣия) карда намешавад.Қайд карданд зарур аст, ки дар маҳсулоти консервагие, ки аз тарафи корхонаҳои саноатӣ бо истифодаи таҷҳизотҳои безараргардон (автоклав) истеҳсол карда шудаанд, мавҷудияти барангезандаҳо дар онҳо ғайри имкон мегардад.

Аз ин рӯ заҳролудшавии одамон аз маҳсулотҳои нодуруст ё нокифоя таъмиз гардидаи дар шароити хона консервакунонидашуда ва риоя нагаштани шароити нигоҳдорӣ, ки дар ин ҳолат барангезандаи ботулизм қобилияти худро нигоҳ медорад алоқаманд мебошад.

Барои афзоиши ин барангезандагон ҳарорати +28-37 зарур мебошад. Дар вақти истеъмоли ин намуд маҳсулотҳо барангезандагон ва заҳри ҷудо кардаи онҳо ба организм ворид гашта бо роҳи ҷабидашавӣ ба хун дохил шуда ба тамоми организми истеъмол-кунанда паҳн мегардад. Пеш аз ҳама системаи асаб зарар меёбад. Захрҳои ҷудонамудаи барангезандагон ба фалаҷ намудани мушакҳои қабати сина, таъғири фаъолияти биноӣ, кафидани капилярҳои рагҳои хунгард сабабгор мешаванд.Давраи ниҳонии беморӣ, яъне давраи аз вақти истеъмоли маводи захролудгашта то вақти пайдоиши аломатҳои беморӣ аз 6 то 30 соат буда дар ҳолатҳои алоҳида бошад аз 2 то 12 рӯзро ташкил медиҳад.

Беморӣ дар 3 вазъ мегузарад, яъне ҳолати вазнин, миёна ва сабук. Ин бештар вобастагӣ дорад ба миқдори истеъмоли маҳсулот ва миқдори захри ба организм ворид гашта.

Аломатҳои аввалини пайдоиши беморӣ ин дилбеҳузуршавӣ, қайкунӣ, дарди шикам, сустшавии мушакҳои бадан бо ҳисиёти мондашавӣ, дарди сар ва чархзании сар, дамиши шикам ва пайдоиши бод мебошад.Ҳарорати бадан асосан бетаъғир монда ё начандон баланд 37,7-38 буда, васешавии гавҳараки чашмон, биниши тумани тур (сетка)дар пеши чашмон, таъғири биниши аслӣ, яъне як чизро ба ду вонамуд кардан (удвоения), коҷ гаштан (косоглазия), фуромадани халтаҳои боли чашмон (птоз), хирагию дуруштӣ ва гирифтани овоз, вайроншавии амалиёти фурубарӣ, хушкшавии даҳону бинӣ, ташнагӣ, фалаҷ гаштани мушакҳои фурубарӣ мебошад.

Дар ҳолатҳои вазнин нафаскашӣ таъғир ёфта метавонад,ки қатъ гардад.Аз ҳамин сабаб беморон дар шӯъбаи эҳёгарӣ дар чунин ҳолатҳо бистарӣи карда мешаванд. Табобати беморони гирифтори заҳролудшавии Ботулизм гардида танҳо дар шароити беморхона имкон дошта, дар шароити хона қатъиян манъ буда аз имкон берун мебошад.Сараввал ҳар чӣ тезтар шустану тоза намудани меъда бо истифодаи махсули 5%-и гидрокарбонати натрий ва тоза намудани рӯдаҳо (клизма) бояд ба ҷо оварда шавад.Табобати асосӣ ин гузаронидан ба организми бемор зардобаҳои табобати зидди Ботулинӣ (сиворотка) мебошад.

Дар ҳолати саривақт муроҷиат намудан ба муассисаҳои тандурустӣ ва зуд бистарӣ гаштану табобат гирифтан шахсони бемор дар муддати 10-12 рӯз саломатиашон барқарор мегардад.Дар ҳолати саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои табобатӣ ва табобат нагирифтан аз зардобаҳои табобатии зидди ботулинӣ,метавонад оқибатҳои вазин то фавт оварда расонад.

Пешгирии беморӣ аз табобат беҳтар аст.Ба ҳамин хотир, барои гирифтори бемории ботулизм нагаштан,бояд як чанд қоидаю табобатҳои санитарӣ ва коркарди маҳсулотро риоя намоем.

Қайд кардан зарур аст, ки заҳри ботулизм дар маҳсулотҳои ғизоии гуногун аз ҷумла сабзаводҳо помидор, бодиринг, боимҷон,лубиёисабз, испаноқ, замбуруғ, лаблабу, маҳсулотҳои гуштӣ ба монанди ветчина, ҳасиб ва моҳӣ шуда метавонад. Намуди маҳсулотҳои сироятёфта аз заҳри ботулизм метавонад вобаста ба анъанаҳои хӯрокпазӣ ва усулҳои консервакунонии ғизоӣ фарқ кунад.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бештар аз 90% фисади захролудшавӣ аз ҳисоби сабзавотҳо: бодиринг,помидор,боимҷон рост меояд.Барои тайёр намудани маҳсулотҳои консервагӣ бояд сабзавотҳои тозаю сифати хуб дошта,бе иллат,бе ҳолатҳои вайроншуда ва бе пусишро истифода барем.

Барои тайёр намудани маҳсулотҳои консервагӣ ҷойи алоҳидаи тозаю озода интихоб карда шавад. Барои ин кор фақат шахсони таҷрибадошта ҷалб карда шаванд.

Ба ин кор кӯдакон ва наврасон ва шахсони таҷрибаи кофӣ надошта роҳ дода нашавад.

Меваю сабзавотҳоро танҳо дар оби равон бо пуррагӣ шустан зарур буда дар зарфҳое,ки обашон равон нест шустани маҳсулот мумкин нест.

Пеш аз истифодабарӣ зарфҳои шишагиро тоза карда,дар оби ҷӯшомада бо маводҳои шӯянда шустан зарур аст.

Зарфхои холии шишагини тозаро дар миқдори зарурии об ғутонида то ҳарорати на камтар аз 80-85 доштан зарур буда, то мавриди дар зарфҳои шишагин ҷой кунонидани маҳсулот, онҳо бояд дар оби гарм нигоҳ дошта шаванд.

Маҳсулотҳои ғизоии нав тайёркардашударо дар давоми 2-5 дақиқа ҷӯшонида ва тез дар ҳолати гарм, ба зарфҳои шишагини пешаки таъмиз гардонидашуда ҷойгир кардан зарур аст.

Барои маҳсулотҳои консервагии дар шароити хона тайёркардашуда ҳарорати баланд барои таъмизгардони аҳмияти аввалин дараҷа дошта, диққати асоси додан муҳим мебошад.Ҳангоми консервакунонӣ дар шароити хона восита ва омилҳои монеъкунонидаи афзоиши барангезандаҳоро, ба монанди ҳарорати баланд, туршӣ (кислота) намак ва бактерияҳои кислотаи ширӣ ба қадри зарурӣ истифода карда шаванд.

Маҳсулотҳои тайёри консервагӣ дар ҳарорати на баланд аз 12 бояд нигоҳ, дошта шавад.

Маҳсулотҳои консервагие, ки эҳтимоли хатари ботулизм доранд истеъмол нанамоед. Ба инҳо мансуб аст, зарфи сарпушаш зич маҳкамкарданашуда ё ба дарун қат кардашуда, зарфе, ки аз он ҳангоми кушодан моеъ бо фишор мерезад ва зарфе, ки ҳангоми кушодан буйи ғайримуқарарӣ ё нофорам дорад.

Дар чунин ҳолат аз истеъмоли ин гуна маҳсулотҳои консервагӣ худдорӣ намоед. Бояд дар ёд дошт, ки ботулизм ва дигар захролудшавиҳои ғизоии хатарнокро тавассути чашм, буй ё тамъ муайян кардан хело душвор мебошад.

Аз зарфе, ки мумкин аст сироят ёфта бошад, ғизоро начашед. Ҳатто миқдори камтарини токсини ботулизм сахт хатарнок мебошад. Дар чунин ҳолат ҳангоми камтарин шубҳа нисбати сифати маҳсулот қарори беҳтарин ин партофтани маҳсулот аст.

Маҳсулотҳои дар шароити хона консервакунонидашударо, ки зиёда аз як сол нигоҳ дошта шудаанд истеъмол накунед.

Дар ёд дошта бошед, ки саломатии Шумо дар дасти худи шумост.

***Олимов. Э. У.***
***Директори МНДСЭ-и ноҳияи Қубодиён***

# ЭЪЛОН

Сертификати ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини наздиҳавлиги воқеъ дар ҷ/деҳоти Т.Сангин ба Хоҷаев Мамаҷон додааст аз 20.07.2007, таҳти №63 дараҷаи №0131902 дар китоби қайдгирии таҳти №2387 бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит карда шавад.

****

Номаи камоли гумшудаи Т- АТА №0247312 дар бораи хатми синфи 11, ки онро соли 2015 МТМУ№42-ноҳияи Қубодиён ба Хайлоев Солмон додааст, эътибор надорад.

****

Номаи камоли гумшудаи АБ №137219 дар бораи хатми мактаб, ки онро соли 1987-88 МТМУ№ 42-и ноҳияи Қубодиён ба Пахолов Додихудо додааст, эътибор надорад.

****

Номаи камоли гумшудаи АБ №219876 дар бораи хатми мактаб, ки онро соли 1997 МТМУ №42-и ноҳияи Қубодиён ба Мамадқулов Дилмурод додааст, эътибор надорад.

ТАХТИ ҚУБОД
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён
САРМУҲАРРИР
САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ
Нишонии мо: 68943, н. Қубодиён, кӯчаи И. Сомонӣ 88.

Рӯзнома 23 декабри соли 2013 таҳти №0307/ рз дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

Телефон барои тамос: 93-842-36-25
Рӯзнома бо теъдоди 3100 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.